Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати ба диссертатсияи Аъзамова Таҳмина Туйчиевна дар мавзуи "Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Иқтисодиёти имрӯзаро як муҳити мураккаб ва печидаи алоқаманд бо техника ва технологияи муосир фаро гирифта махсус дар айни замон як таҳаввулоти бузургро ба миён овардааст. Албатта воқеатан дуруст мебошад, ки пешрафти тамоми соҳаҳои муҳими иқтисодиро дар шароити равандҳои тезутунди ҷаҳонишавӣ бидуни техникаву технологияи муосир тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ дар марҳалаи рушди устувори иқтисодӣ қарор дошта, тамоми самтҳои афзалиятноки иқтисодиро, ки дар ин радиф бахши бонкӣ низ муҳим мебошад тавассути техникаву технологияи муосир пеш мебарад.

Новобаста аз оне, ки рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамқадами истиқлолият мебошад, бо тағйиротҳои рушди ба оянда нигаронидашуда пеш меравад. Марҳалаҳои рушди бозори бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз як қатор талошҳои роҳбарияти олиии кишвар дар заминаи қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тамоили болоравирро касб намуда, марҳала ба марҳала бозори хизматрасониҳои худро васеъ намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи гузариш ба низомҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ қарор дошта, ба ин роҳ қушиш менамояд ба суботи иқтисодии ҷомеа ва беҳтаргардии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат

намояд ва ҳамин масъала дар меҳвари таваҷҷуҳи унвонҷӯ қарор гирифта он ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Ҳамзамон бо ин мавзӯи интихобшуда ва таҳқиқоти анҷомёфта воқеан муҳим ва саривақтӣ буда, ба шароити имрӯза хос мебошад ва сазовори дастгирии ҳамтарафа мебошад.

Идова бар ин ба андешаи мо кор шояд мукаммалтар мегардид агар унвонҷӯ дар кори худ ба масъалаҳои зерин корбарӣ менамуд:

1. Дар сатҳи низоми хизматрасониҳои инноватсионӣ ҳолати рақобатпазирии бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар истифодаи воситаҳои электронии пардохт нишон дода мешуд кор беҳбудӣ меёфт .

Новобаста аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, номбурда сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисод,**
**профессор, профессори кафедраи**
**идораи давлатӣ ва иқтисоди милии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ашуров И.С.**

**Нишонӣ: 734003, info@apa.ru. Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи. Саид.Носир 33. Тел: +992 (37)224-17-86**

**Имзои Ашуров И.С.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузори ва**
**корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Насурдинзода А.Н.**